Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (Сурога: 734064,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич ба диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи илмии **Раҳимзода Ҷурабек Раҳим** ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунанд: 2.13. Ташаккули хизматрасониҳои давлатӣ. 5.6. Проблемаҳо ва дурнамои арзёбии сармояи зеҳнӣ. 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ. 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ, 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ, 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ, 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт, мутобиқат мекунад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мубрамии мавзуи таҳқиқот муаллифи рисолаи илмӣ Раҳимзода Ҷ.Р ба маврид қайд намудааст, ки Тоҷикистони тозаистиқлол дар марҳалаи нави раванди ҷаҳонишавӣ қарор дошта, пайгири тамоюлҳои ба ояндаи рушд нигаронидашуда мебошад, ки онҳо бо техникаву технологияҳои муосир асос ёфтаанд ва албатта ин

Scanned with CamScanner

аёниятҳо дар фаъолиятҳои инноватсионии бонкҳо ва дигар корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногуни иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ асос ёфтааст. Воқеан ба маврид аст, ки таъсири таконҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ то як андоза низоми молиявии кишварро хатарафзо намуда, як қатор мушкилотҳои молиявӣ ва сохториро ба миён овард ва ҳамин масъала боис гардид, ки тамоми муассисаҳои бонкӣ ва ғайрибонкӣ дар фаъолиятҳои худ таҷдиди назар намоянд вак ин таҷдиди назарҳо дар айни замон натиҷаи дилхоҳ дода истодааст, ки муаллиф ба он таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Муаллифи рисолаи илмӣ дар шакли дигар муҳимияти мавзӯи илмиро бештар ба дигаргун шудани таркибӣ фаъолият ва тарзи амалкардҳои корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун як қатор тағйиротҳои навро дар самти гузариш ба технологияҳои нави рақамикунонӣ рабт дода дар ин замина як қатор нишондиҳандаҳои мушаххасро баррасӣ ва дар натиҷа ба дастовардҳо низ ноил гардидааст. Ҳамзамон бо ин ба маврид зикр шудааст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи технологияҳои нави рақамӣ ва фароҳам овардани шароиту инфрасохтори зарурӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар ба таври баробар таҷдиди техникию технологияҳои қаблан истифодагардида ва ба ҷои онҳо ворид намудани технологияҳои нав бо назардошти қабули барномаҳои нави дахлдору қарорҳои махсуси соҳавиро талаб менамояд, ки ҳамаи талаботҳои мавҷуда ба таври зарурӣ аз тарафи муаллифи рисолаи илмӣ барои мушаххасозии амсилаҳои зарурияти мавзӯ риоя гардидаанд.

Дар мавриди дигар муаллифи рисолаи илмӣ ба таври ҳадафманд чунин иброз менамояд, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва ғайринақдикунонии тамоми амалиёту хизматрасониҳо дар муҳити инноватсионӣ як қатор стратегияву барномаҳои миёнамӯҳлат қабул гардидаанд, ки татбиқи ин масъаларо содда ва самаранок мегардонанд ва ин ҷараёён бо як катор таҳлилҳои мушаххас аз сарчашмаҳои боэътимод асонок карда шудааст. Ҳамчунин ӯ зарурият ва актуалӣ будани мавзӯро бо Барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” асоснок ва зарурияту мавҷудияти онҳоро дар сатҳи зарурӣ инъикос намудааст.

Муллиф чунин иброз медорад, ки заминаи асосии татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар марҳалаи аввал низоми бонкӣ ва дигар сохторҳое, ки ба мизоҷон ва корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун хизматрасониҳои дахлдор пешниҳод намудаанд, маҳсуб меёбанд. Чунин гуфтаҳои муаллиф

Scanned with CamScanner

бевосита равишҳои гуногуни дастгирии бахши иҷтимоиробо истифода аз амалиёт ва хизматрасониҳои маҷозӣ дар бар мегирад. Аз ҳамин хотир заминаҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои бонкӣдар сатҳи зарурӣ таҳқиқ ёфтаанд, кион дар айни замон актуалӣ будани мавзӯи таҳқиқотро дар бар мегирад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Яке аз қисматҳои асосии рисола, ки дар он мавқеи муаллиф ва имконпазирии натиҷаҳои он исботи худро меёбанд, ин навгониҳои илмии рисолаи илмӣ мебошанд. Ҳамзмон бо ин навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароити нави гузариш ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ва баланд бардоштани самараи иқтисодии давлат ва низоми бонкӣ бо истифода аз воситаҳои муосири электронии пардохт ва дар ин замина аз байн бурдани норасоиву камбудиҳои ҷойдошта ва хавфҳои мавҷудаю босамаргардонии тамоми амалиёту хизматрасониҳо мебошад, ки дар диссертатсия мукаммалан оварда шудаанд:

- муаллиф дар шароити нави хоҷаидорӣ бо шарофати рушди технологияҳои рақамӣ вобаста ба зарурат ва баррасии масъала ҷанбаҳои назариявӣ ва методии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода дар доираи он роҳҳои бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва дар амалия ба таври сода ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсиониро, ки аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ бо усул ва механизмҳои истифодаи имконпазир коркарду дарёфт гардидаанд баррасӣ намуда дар натиҷа, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки дар воқеият метавонад ба сифати муҳимтарин василаи рушди ҷараёнҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ ва иқтисодиёт мусоидат намоянд;

- дар навгонии дуюми рисолаи илмӣ муаллиф новобаста аз мавҷудияти як қатор нишондиҳандаҳо ва воситаҳои татбиққунандаи навовариҳои бонкӣ ва истифодаи амалии онҳоро дар кишвар, бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеа навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил ва баррасӣ намуда дар илова ба ҳамаи ин шаклҳои воқеан такмилёфтаи инноватсияи бонкӣ ва дигар сохтору унсурҳои онро ба таври ҳадафманд ва қобили татбиқ пешниҳод намудааст. Ҳамаи ин масъалаҳо метавонад ба сифати муҳимтраин василаи ташаккули масъала дар сатҳи зарурӣ мусоидат намоянд;

- муаллифи рисолаи илмӣ ҷиҳати баҳогузории воқеӣ ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ, воситаҳои истифодашаванда ва дар амал татбиқ

Scanned with CamScanner

намудани ҷараёнҳои рақамикунонӣ як қатор нишондиҳандаҳои низоми бонкию иқтисодиро таҳлил намуда, ҷиҳати расидагии дуруст ба ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиётро вобаста ба муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ ошкор намуда як қатор нишондиҳандаҳо ва хулосаҳои мушаххасро манзур намудааст, ки масъалаҳои матраҳгардида қобили дастгирӣ мебошанд;

- муаллиф дар такя ба рушди чашмраси рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба ин ҷараёни мураккаб ва фоидаовар барои ҷомеа, ҳамчунин, шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ як қатор коркардҳои ба ин масъала хосро дар шакли диаграмма, ҷадвал ва расм пешниҳод ва хулосабарорӣ гардида, дар ҳошияи ҳадафҳои стратегии давлат роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои бонкӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ дар самти рақамикунонӣ пешниҳод намуда вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳо фикру мулоҳизаҳои худро баъд аз натиҷаҳои таҳлил баррасӣ намудааст.

Вобаста ба баррасӣ ва хулосабарориҳо оид ба мушаххаснамоии нишондиҳандаҳои мавҷуда дар самти татбиқи рақамикунонӣ ва комилан ғайринақдикунонии амалиётҳои молиявию қарзӣ ва асоснок намудани тавсияву пешниҳодҳо масъалаҳои зерин нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсияро ташкил намуданд:

Дар таҷрибаи таҳқиқӣ илмӣ вобаста ба муайянсозии мавқеи илмии муаллиф нисбат ба натиҷаҳои бадастомада ва асосноккунии онҳо, дар рисола бандҳои зерин ба таври фишурда ҳамчун нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудаанд, аз ҷумла:

Дар таҷриба аз тарафи муаллифи рисолаи илмӣ исбот шудааст, ки ҷанбаҳои назариявии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун масъалаи заминавӣ асосӣ буда, роҳҳои татбиқи амалии онҳо бо як қатор хусусиятҳои хос ва бартариятҳои мавҷуда муайян гардиданд;

Нуктаи якум дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба таври сода ҷорӣ намудани амалиётҳои маҷозӣ ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ таҳқиқ ва роҳҳои амалигардии онҳо нишон дода шудааст ва ин масъала ба он боис мегардад, ки муаллиф мавқеи худро дар сатҳи зарурӣ нишонмедиҳад;

Scanned with CamScanner

Нуктаи якум дар сатҳи равандҳои методӣ ва ҳисобӣ аз тарафи муаллиф муайян шудаст, ки навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бо шаклҳои муосиртарини инноватсияи бонкӣ ва дигар дастгоҳу унсурҳои он таҳлил ва баҳодиҳӣ гардида, ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиёт бо дарназардошти тамоми сохторҳои дахлдори он як қатор нишондиҳандаҳо таҳлил гардида, ваъияти ҷорӣ ва минбаъдаи рушди ин тамоюл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкору пешниҳод шуда дар ин самт мавқеи комили муаллиф ба таври назаррас муаян гардидааст, ки ин воқеиятҳои истифодаи технологияҳои рақамиро дарсатҳи зарурӣ нишон медиҳад;

Нуктаи сеюм аз тарафи муаллиф исбот гардидааст, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмуъ амалиётҳои виртуалӣ ё маҷозӣ, ҳамчунин коркарди муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ таҳлил гардида, вобаста ба шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои маҷозӣ, пайдо гардидани як қатор мушкилоти пардохтпазирӣ ва сатҳи пасти ҳимояи воситаҳои электронӣ дар манбаъҳои амалиёт ва хизматрасонӣ, як қатор меъёру нишондиҳандаҳо коркард гардида, роҳҳои татбиқи амалии он аз тарафи муаллиф дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки ин метавонад дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар сатҳи низоми бонкӣ мусоидат намояд;

Нуктаи чорум дар ниҳоят аз тарафи муаллиф ошкор гардидааст, ки ҳамчун замина ва асос роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои маҷозии бонкӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоид кардани ин ҷараён пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо ба таври ҳатмӣ мавриди паёгирӣ қарор гиранд.

Натиҷаҳои нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсияи муаллиф аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, заминаи илмии таҳқиқи навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиётро дар доираи истифодаи восиьта ва дастгоҳҳои рақамикунонӣ таъмин менамояд. Дар ин радиф муаллиф масъалаи баланд бардоштани сатҳи самараи низоми бонкиро ба воситаи рақамикуноӣ муаян намуда, тибқи таҳлилҳо ва натиҷаҳо роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намудааст. Дар маҷмӯ натиҷаҳои нуктаҳои мазкур арзиши илмии таҳқиқотро баланд бардошта, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти амалии онро тақвият мебахшанд.

Scanned with CamScanner

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Дар шароити имрӯза татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши бемайлони амалиётҳои электронии молиявию виртуалӣ ба он асос меёбад, ки нишондиҳандаҳо ва воситаву дастгоҳҳои истифодашавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар мушоҳидаю таҷрибаҳо, дарёфти дақиқи маълумотҳои воқеии истифодашаванда, дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва ошкорсозии рақамикунонӣ ва амалиётҳои маҷозии электронӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқу интишорот ва баромадҳои муаллиф дар конфронсу мизҳои мудаввари сатҳи гуногун дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Илова бар ин, хулоса ва тавсияҳо, ки хоси шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо натиҷаҳои назаррас пешниҳод гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Аз феҳристи ихтисораҳои истифодашуда, муқаддима ва дигар талаботи муқаддимавӣ, матни мантиқӣ ва фарогир, хулоса ва пешниҳодҳо иборат аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 18 расм, 8 ҷадвал, 10 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 133 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 168 саҳифа таҳия шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки боби 1-уми диссертатсия – "**Асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои низоми бонкӣ ҳамчун инструменти рақамикунонии иқтисодиёт**" асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, хусусият ва вазифаҳои навовариҳои низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, асосҳои ҳуқуқии рақамикунонии иқтисодиёт дар таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас манзур намудааст, ки ҳамаи онҳо ҷанбаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқоти илмиро дар сатҳи зарурӣ инъиксо менамоянд. Дар боби якум муаллифи рисола бештар ба тафсири мафҳуми «навоварии бонкӣ» аз нуқтаи назари олимон (саҳ. 21), мафҳуми инноватсияи бонкӣ (саҳ. 22), гурӯҳбандии навоварии бонкӣ (саҳ. 26), гурӯҳбандии навовариҳо дар сатҳи низоми бонкӣ (саҳ. 31-32), гурӯҳбандии мақсадҳои инноватсияи бонкӣ (саҳ. 35), тарафҳои мусбату манфии амалиётҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ (саҳ. 40), ҳамчун таҷриба ва масъалаи татбиқи он дар Тоҷикстон бо баррасии динамикаи инноватсиякунонии бонкҳо (саҳ 46), рейтинги бонкҳои мобилӣ ва барномаҳои пардохтӣ (саҳ. 51) ва як қатор масъалаҳои дигари марбут ба рақамикунонӣ ва зарурияти он дар шароити муосир мавриди баррасӣ ва

Scanned with CamScanner

арзёбӣ қарор гирифтааст, ки дар воқеъ қобили дастгирӣ мебошад ва дар ин самт низ муаллиф мувафақ гардидаст.

Дар боби 2-юм аз ҷониби муаллиф - **"Таҳлил ва нооваришои низоми бонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон"** баррасӣ гардида, ҳамчун асос таҳлил ва баҳодиҳии навоваришои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, арзёбии навоваришои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ мушаххасан бо хулосаҳои асоснок пешниҳод гардидааст, ки бо як қатор таҳлилҳои ҳадафманд ва манбаҳои мушаххас роҳи ҳали худро ёфтаанд ва корбарӣ дар самти табиқи амалии онҳо муҳим ва зарурӣ мебошад.

Барои исбот ва арзёбии дурусти боби мазкур муаллифи рисола ба масъалаҳои: шаклҳои инноватсияи тағйирдиҳии муҳити фаъолияти бонкӣ дар шароити имрӯза (саҳ. 59), намудҳои пардохтҳои навсозишудаи электронӣ дар низоми рақамӣ (саҳ. 61), сохтори воситаҳои инноватсионии пардохти замони қаблӣ ва муосир дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 68), таснифи мушкилот дар истифодаи технологияҳо дар сатҳи бонкҳо (саҳ. 79) баррасӣ гардидаанд, ки бевосита мушаххасоти боби мазкурро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот, "Стратегия ва дурнамои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" баррасӣ гардида, барои мукаммалсозии он ба таври иловагӣ стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ ҳамчун инструменти низоми бонкӣ, бехатарии навоваришои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳо ва афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва натиҷабардорӣ карда шудаанд.

Барои исбот ва арзёбии дурусти боби мазкур муаллифи рисола ба масъалаҳои: омилҳои ташаккул ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 102), воситаҳои инноватсионии татбиқи хизматрасониҳои бонкӣ (саҳ. 104), воситаҳои асосӣ ва иловагии сатҳи низоми инноватсионии фаъолияти бонкҳо дар шароити рақамикунонӣ (саҳ. 107), қоидаҳои амалигардии таъмини амнияти низоми пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 114), принсипҳои идоракунии хавфҳо ва мушаххаскунии он дар низоми пардохт (саҳ. 117), принсипҳои идоракунии низоми пардохтӣ ва танзими он (саҳ. 119), омилҳои таъсиррасон ба рақамикунонии идоракунии хавфҳо (саҳ. 122), воситаҳои амалигардии технологияҳои рақамӣ дар шароити гузариш ба таҳаввулоти рақамикунонӣ (саҳ. 131), сатҳи рақамикунонӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти

Scanned with CamScanner

Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 133) ва як қатор нишондиҳанда ва тағйирёбандагиҳои дигарро мавриди баррасӣ қарор дода як қатор пешгӯиҳои имконпазири соҳавиро низ манзур намудааст. Дар робита ба ин гуфтан мумкин аст, ки тамоми масъала ва омилҳое, ки аз тарафи муаллиф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд мувофиқи мақсад ва натиҷаву дастовардҳоион қобилӣ дастгирӣ мебошанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Дар сатҳи баррасиҳои илмӣ асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, коркардҳои амалию методӣ, барномаву стратегияҳои муайяни дахлдори соҳавӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, усулҳои методӣ, амалӣ ва тактикӣ оид ба навовариҳои бонкӣ дар самти татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва дигар воситаҳои ба ин баробар таҳқиқ шуда ҳамзамон масоили мубрами амалии таҳқиқоти илмии мазкур дар раванди омодасозии диссератсия стратегия ва барномаҳои дахлдори соҳавӣ, ҳисоботҳои расмии вазорату идораҳои дахлдор, бюллетенҳои омори бонкӣ, сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва як қатор дастуруламалу низомномаҳои соҳавӣ истифода шудаанд, ки дараҷаи эътимоднокӣ, аҳамияти амалӣ ва дигар муҳимиятҳои таҳқиқи илмиро инъикос менамоянд.

Илова бар ин дар шароити имрӯза татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши бемайлони амалиётҳои электронии молиявию виртуалӣ ба он асос меёбад, ки нишондиҳандаҳо ва воситаву дастгоҳҳои истифодашавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар мушоҳидаю таҷрибаҳо, дарёфти дақиқи маълумотҳои воқеии истифодашаванда, дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва ошкорсозии рақамикунонӣ ва амалиётҳои маҷозии электронӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқу интишорот ва баромадҳои муаллиф дар конфронсу мизҳои мудаввари сатҳи гуногун дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Илова бар ин, хулоса ва тавсияҳо, ки хоси шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо натиҷаҳои назаррас пешниҳод гардидаанд ва ин масъалаҳо пурра банди мазкурро дар бар мегирад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Дар марҳалаи таҳқиқоти илмӣ дар доираи мавзуи баррасишавандаи диссертатсия 11 мақола, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар нашр шудааст.

Scanned with CamScanner

Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ". Диссертатсия ва автореферати муаллиф ба талаботи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат намуда, сохтор, мазмун ва тарзи таҳияи онҳо ба меъёрҳои муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз лиҳози сохтор, таркиб, ҳаҷм ва истифодаи маводи таҳлилию илмӣ ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунандаи КОА мутобиқат мекунанд. Автореферати муаллиф низ мазмуни асосии таҳқиқотро дар шакли фишурда ва мантиқӣ инъикос намуда, мувофиқати пурраи он бо мазмуни диссертатсия таъмин гардида ва ба талаботи муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии КОА ҷавобгӯ мебошад.

Маълумотҳои дар автореферат баррасигардида пурра дар диссертатсияи илмӣ мавҷуд буда ҷанбаҳои мушаххаси рисоларо пурра дар бар мегирад.

Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Дар ниҳоят муаллифи рисолаи илмӣ Раҳимзода Ҷурабег Раҳим дар таҳқиқи мавзӯи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» вобаста ба натиҷаҳои ба дастоварда дар сатҳи талаботҳои мавҷуда мувафақ ҳам шудааст. Бояд гуфт, ки дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо баъзе норасоиву камбудиҳоро низ во хурда мумкин аст, ки аз масъалаҳои зерин иборатанд:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии навовариҳои бонкӣ нисбатан муфассал баррасӣ гардидаанд, вале ба андешаи мо, шарҳи фарқи мафҳумҳои "навовариҳои бонкӣ", "технологияҳои молиявӣ", ва "рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ" агар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт таҳқиқот беҳтар мегардид.

2. Дар баъзе қисматҳои таҳқиқот таъсири навовариҳои бонкӣ ба нишондиҳандаҳои мушаххаси рақамикунонии иқтисодиёт ба таври кофӣ арзёбӣ нашудааст, ки дар сурати баназаргирии ин масъала сифатан таҳқиқот беҳтар мегардид.

3. Ҳангоми таҳлили таҷриба дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти бонкӣ аз тарафи муаллиф таҷрибаи як қатор кишварҳои пешрафта оварда шудааст, аммо муқоисаи муфассали ин таҷриба бо шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст.

4. Дар диссертатсия ба рушди хизматрасониҳои бонкдории рақамӣ таваҷҷуҳи зарурӣ шудааст, аммо масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти

Scanned with CamScanner

киберӣ, ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ва пешгирии хавфҳои рақамӣ дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ нагардидаанд.

5. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили навовариҳои бонкӣ хусусияти умумӣ дошта, муайян намудани марҳалаҳои мушаххаси татбиқ ва баҳодиҳии натиҷаҳо бо усулҳои муосир оварда нашудаанд.

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, бояд гуфт, ки онҳо ба мазмуну муҳтавои умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи илмии онро низ коста намегардонанд.

Хулоса. Дар робита ба натиҷаҳои бадастомада метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) омода гардидааст. Кори илмӣ аз ҷиҳати мазмун, дараҷаи фарогирии масъалаҳо, сатҳи таҳлил, натиҷаҳо ва хулосабарориҳо ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар назди шурои диссертатсионӣ мувофиқ мебошад. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот метавон хулоса кард, ки диссертатсияи мазкур кори комилан анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Профессори кафедраи кори бонкии ДМТ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Ҳикматов У.С.**

Имзои Ҳикматов У.С. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ **Э.Ш. Шодихонзода**

Суроғаи донишгоҳ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рудакӣ, 17.

Телефон./ факс: (+99237) 227-15-10, 227-23-96.
E – mail: info@tnu.tj

"18" 09 соли 2026

Scanned with CamScanner